# ХУЛОСАИ

роҳбари илмӣ Муҳаммад Лутфуллозода ба кори диссертатсионии Мирбобоева Бибивахӣ Мирбобоевна дар мавзуи «Ҳамкории муассисаҳои таълимӣ ва хонавода дар ташаккули муносибати мусбати хонандагон ба техника ва технологияи муосир», ки барои дарёфти дарачаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 - Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ)

Вазъи имрӯзаи ҳаёти ҷомеаи Тоҷикистон тақозо дорад, ки волидон ба таълиму тарбия ва инкишофи шахсияти фарзандони худ бо диди нав, муносибати нав, андешаю афкори нав назар намоянд. Лекин бо ворид гардидани ҷомеаи имрӯзаи кишварамон ба марҳилаи дигаргуниҳо, хонавода ба як давраи бухрони салоҳияту салоҳиятнокӣ ворид гардид, ки дар нокифоягии стратегияҳои миллии тарбияи хонаводагӣ ифода мегардад. Маҳз дар чунин вазъияти душвор ва мураккаб муассисаҳои таълимӣ институти муҳими иҷтимоӣ ба ҳисоб рафта, на танҳо ба таълим ва тарбияи кӯдак машғул аст, балки идора намудани тарбияи хонаводагиро ба дӯши худ гирифтааст.

Аз ин хотир, дар шароити имрӯза ҳамкории хонавода ва муассисаҳои таълимӣ дар самти тарбияи кӯдак ва самаранок намудани раванди таълим муҳим ва актуалӣ гардидааст. Диссертатсияи мазкур маҳз ба масъалаи самтҳои муҳим ҳамкории муассисаҳои таълимӣ ва хонавода дар ташаккули муносибати мусбати хонандагон ба техника ва технологияи муосир бахшида шудааст, ки бешак мубрам ва дархӯри замон аст. Аллакай маълум аст, ки ворид намудани техника ва технологияҳои нав ин боз як қадами дигари устувор дар сатҳи рушди инсон ба ҳисоб меравад. Гузариш аз як шакли таълим ба шакли дигар ба баланд бардоштани сифати таълим оварда мерасонад ва дар натиҷа суръатбахшии рушди инсон ва наздик шудани ӯро ба кашфиёти нави илмӣ таъмин менамояд.

Муҳаққиқ зимни омӯзиши асарҳои илмӣ-таҳқиқотии олимон доир ба мавзӯи тахкиқотӣ як катор пешниҳоди аҳамияти муҳимдошта, ки хоси ҳамкории муассисаҳои таълимӣ ва хонавода дар ташаккули муносибати мусбати хонандагон ба техника ва технологияи муосир мебошад, баррасӣ кардааст. Аз ҷумла, дар замони муосир аз як тараф истифодаи техника ва технологияи муосир дар раванди таълим ба самаранокии он мусоидат менамояд, лекин дилбастагии зиёд ба онҳо, истифодаи онҳо бо мақсадҳои ғайритаълимӣ матавонад ба раванди таълиму тарбия халал

ворид намуда, онро номуваффақ гардонад. Яъне хонандагон вақти зиёди худро дар барномаҳои компютерӣ бефоида мегузаронанд, ки ба фаъолияти касбӣ ва таълимӣ алоқамандӣ надоранд. Аз ин рӯ, ин вазъият муҳимияти ҳамкории муассисаҳои таълимӣ ва хонаводаро ба миён меорад, ки дар истифодаи техника ва технологияи муосири компютерӣ назоратро ба роҳ монда, бахри самаранок истифода намудани он аз ҷониби хонандагон тамоми чораҳоро андешанд.

Дар шароити имрӯза кӯдак метавонад, ҳатто берун аз мактаб аз техника ва технологияи иттилоотӣ васеъ истифода намояд, аммо назорат намудани ташаккули муносибати мусбат ба онҳо мураккаб ва душвор мегардад. Аз ин лиҳоз, ҳамкории муассисаҳои таълимию хонавода ва назорати якҷояи раванди ташаккули муносибати хонанда ба техника ва технологияи муосир яке аз масъалаҳои муҳим ҳисобида мешавад.

Навгонии илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот далелнок ва боэътимод буда, вобаста ба ин муҳаққиқ мақолаҳои зиёде ба табъ расондааст, ки муҳтавои рисоларо пурра инъикос менамоянд. Автореферати рисола ифодагари мазмуни диссертатсия мебошад.

Муаллифи диссертатсия дар аснои омӯзиш ва таҳлили мавзуи таҳқиқот хулосаву тавсияҳояшро аз нигоҳи илмӣ - методӣ асоснок намудааст. Ҷолиб аст, ки диссертант зимни баррасии ҳар мавзуи рисола ба андеша ва пешниҳодоти олимон муҳаққиқон такя карда, хулосаҳои хешро мустақилона иброз кардааст.

Аҳамияти илмии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки натиҷаҳои бадастомада метавонад ҳамчун сарчашмаи илмӣ- методӣ дар раванди фаъолияти таълимию тарбиявии муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ, ҳамкории муассисаҳои таълимӣ ва хонавода дар ташаккули муносибати мусбати хонандагон ба техника ва технологияи муосир самаранок мегардонад, агар ҳамкорӣ бо волидон бо назардошти мақсаднокӣ ва алоқамандии унсурҳои мундариҷавии он дар шакли “омӯзгор – хонанда - волидайн” ба роҳ монда шавад.

Унвонҷӯ дар давраи таҳияи рисолаи илмӣ худро ҳамчун фарди мустақил, хушмуомилаву хоксор, корманди масъулиятшинос, дорои неруи баланди зеҳнӣ, қобилияти иҷрои корҳои ҷамъиятӣ ва илмию таҳқиқотӣ нишон дод.

Бо назардошти хислатҳои шахсии муаллифи рисола ва омодагии ӯ дар таҳияи кори илмӣ, ҳамчун роҳбари илмӣ ба хулосае омадам, ки рисолаи ӯ дар мавзӯи «Ҳамкории муассисаҳои таълимӣ ва хонавода дар ташаккули муносибати мусбати хонандагон ба техника ва технологияи муосир» ба охир расидааст ва худи ӯ сазовори номзади илмҳои педагогӣ

аз рӯи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 -Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) мебошад.

Роҳбари илмӣ –доктори илмҳои педагогӣ,
профессор, академики Академияи
таҳсилоти Тоҷикистон М. Лутфуллозода